ДОНИШГОҲИ ТЕХНОЛОГИИ ТОҶИКИСТОН
ФАКУЛТЕТИ МУШТАРАКИ ТОҶИКӢ-РОССИЯГӢ
КАФЕДРАИ ЗАБОНИ ТОҶИКӢ ВА ЗАБОНШИНОСИИ ИТТИЛООТӢ

Ҳамроқулова З.У.

# ДАСТУРИ МЕТОДӢ

**оид ба иҷрои корҳои мустақилона аз фанни**
**«Забони тоҷикӣ»**
**барои ҳамаи ихтисосҳо**

**Душанбе 2014**



**Ҳамрокулова З.У.** Дастури методӣ оид ба иҷрои корҳои мустақилона аз фанни «Забони тоҷикӣ» барои ҳамаи ихтисосҳо. – Душанбе: Донишгоҳи технологии Тоҷикистон, 2014. – 20с.

Дастури методӣ дар ҷаласаи кафедраи забони тоҷикӣ ва забоншиносии иттилоотӣ дида баромада, маъқул дониста шудааст.

Суратмаҷлиси № 3 аз «4» сентябри соли 2014

мудири кафедра_________________________дотсент Одинаев Н.С.

**МУНДАРИҶА**


| | | |
|---|---|---|
| 1. | Меъёрҳои заминавии баҳогузорӣ | 4 |
| 2. | Рекламаи фанни таълимӣ | 7 |
| 3. | Иҷрои корҳои мустақилона дар се давра | 8 |
| 4. | Вариантҳои имконпазири корҳои мустақилона | 8 |
| 5. | Намунаи ҳалли варианти корҳои мустақилона | 10 |
| 6. | Барои санҷиши фосилавии якум | 10 |
| 7. | Барои санҷиши фосилавии дуюм | 13 |
| 8. | Барои санҷиши фосилавии сеюм | 15 |
| 9. | Адабиёти тавсияшаванда | 18 |

***ҲАДАФҲОИ СТРАТЕГИИ ДОНИШГОҲИ ТЕХНОЛОГИИ ТОҶИКИСТОН ДАР АМАЛ***




## 1.МЕЪЁРҲОИ ЗАМИНАВИИ БАҲОГУЗОРӢ

ба донишу малакаи донишҷӯён, ки аз фанни забони тоҷикӣ дар аттестатсияи марҳилавӣ, дар асоси татбиқи модели сифати таҳсилот довталабони баҳоҳои А, А-, В+, В, В-, С+,С, С-, Д+ ва Д сарфароз гардонида мешаванд.

## БАРОИ СОЛИ ТАҲСИЛИ 2014-2015

| № | Баҳо | Саволҳои имтиҳонӣ ва донишу малакаи касбӣ | Эзоҳ |
|---|---|---|---|
| 1 | **95-100 (А) 10** | Иштироки фаъолона дар машғулиятҳо (иҷро намудани машқҳо ва супоришҳо). Донишҷӯ бояд на зиёда аз 16 соат дарсшиканӣ дошта бошад. Ба баҳои «аъло» навиштани диктант. Мустақилона ва бехато навишта тавонистани ҳуҷҷатҳои расмӣ-коргузорӣ Донистани қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ. Донистани мавридҳои истифодаи аломатҳои китобат Ба забони адабӣ муаррифӣ (презентатсия) карда тавонистани ихтисоси худ То мӯҳлати муайяншуда иҷро намудан ва супоридани маҷмӯи корҳои хонагӣ (ба таври электронӣ). Навиштан ва аз бар намудани истилоҳоти ихтисосӣ (дар ҳаҷми 30 калима). | Инчунин ҷавоб дода тавонистан ба саволҳои 2, 3, 4, 5, 6, 7, 8, 9, 10 |
| 2 | **90-94 (А-) 9** | Иштироки фаъолона дар машғулиятҳо. Иҷрои машқҳо аз рӯи дастур ва маҷмӯи машқҳо (ба таври электронӣ). Донишҷӯ бояд на зиёда аз 16 соат дарсшиканӣ дошта бошад. Пешниҳод намудани Сертификат аз ҷониби деканат. Навиштани диктант (иборат аз 150 калима)Донистани қоидаҳои имлои забони | Инчунин ҷавоб дода тавонистан ба саволҳои 3, 4, 5, 6, 7, 8, 9, 10 |

| № | Баҳо | Саволҳои имтиҳонӣ ва донишу малакаи касбӣ | Эзоҳ |
|---|---|---|---|
| | | тоҷикӣ.<br>Тарзи таҳияи шартнома, фармон амр, кафолатнома<br>Имлои баёния<br>Мавридҳои истифодаи аломати баён, нуқтавергул, тире<br>Мафҳумҳо ва таърифҳои асосии ихтисоси худро бо забони тоҷикӣ аз бар кардан.<br>Пешакӣ супоридани корҳои семестрӣ. | |
| 3 | **85-89 (В+)<br>8** | Иштироки фаъолона дар машғулиятҳо ҳал кардани машқҳо, зуҳури худташаббусӣ (ба таври электронӣ).<br>Донишҷӯ бояд на зиёда аз 16 соат дарсшиканӣ дошта бошад.<br>Хондани асари бадеӣ ва шарҳи калимаву ибораҳои душворфаҳм.<br>Имлои феъл.<br>Мавридҳои истифодаи аломати вергул.<br>Таҳияи ҳуҷҷатҳои расмӣ (ваколатнома, таъйиднома ва гузоришнома) | Инчунин ҷавоб дода тавонистан ба саволҳои<br>4, 5, 6, 7, 8, 9, 10 |
| 4 | **80-84 (В)<br>7** | Донишҷӯ бояд на зиёда аз 16 соат дарсшиканӣ дошта бошад.<br>Таҳияи луғати истилоҳоти ихтисосӣ (дар ҳаҷми 50 калима)<br>Имлои исмҳое, ки бо ҳарфи калон навишта мешаванд.<br>Маълумот оиди услубҳои забони тоҷикӣ.<br>Навиштан ва маънидод кардани 10 воҳиди фразеологӣ.<br>Намунаи ҳуҷҷатҳои расмӣ: тасдиқнома, гузоришнома, ташаббуснома. | Инчунин ҷавоб дода тавонистан ба саволҳои<br>5, 6, 7, 8, 9, 10 |
| 5 | **75-79 (В-)<br>6** | Иштироки фаъолона дар машғулиятҳо ва ҳал кардани машқҳо (ба таври электронӣ).<br>Донишҷӯ бояд на зиёда аз 16 соат дарсшиканӣ дошта бошад.<br>Таҳияи кроссворд аз рӯи ихтисос (дар ҳаҷми 50 калима)<br>Имлои феъл, сифат, сифати феълӣ.<br>Муаррифӣ карда тавонистани ихтисоси худ.<br>Тарзи таҳияи тавсифнома, шарҳи ҳол. | Инчунин ҷавоб дода тавонистан ба саволҳои<br>6, 7, 8, 9, 10 |
| 6 | **70-74 (С+)<br>5** | Дар машғулиятҳо иштироки фаъолона доштан<br>Донишҷӯ бояд на зиёда аз 16 соат дарсшиканӣ дошта бошад.<br>Таҳияи муколама (диалог) бо истифода | Инчунин ҷавоб дода тавонистан ба саволҳои<br>7,8,9,10 |

| № | Баҳо | Саволҳои имтиҳонӣ ва донишу малакаи касбӣ | Эзоҳ |
|---|---|---|---|
| | | аз аломатҳои китобат.<br>Қироати ғазалҳо аз осори адибони классик<br>Навиштани ҳуҷҷатҳои расмӣ (ариза, тавзеҳнома, забонхат) | |
| 7 | 65-69 (C) | Иштироки фаъол доштан дар машғулиятҳо. Дарсшиканӣ надоштани донишҷӯ.<br>Ба баҳои мусбат навиштани диктант (на кам аз 100калима)<br>Бо забони адабӣ дар мавзӯи Тоҷикистон - кишвари ман маълумот дода тавонистан.<br>Мавридҳои истифодаи аломати қавс.<br>Ваколатнома ва тарзи таҳияи он. | Инчунин ҷавоб дода тавонистан ба саволҳои 8, 9, 10 |
| 8 | 60-64 (C-) 3 | Иштироки фаъол доштан дар машғулиятҳо ва дар мӯҳлати муайяншуда иҷро намудани маҷмӯи корҳои хонагӣ.<br>Донишҷӯ бояд дарсшиканӣ надошта бошад.Имлои пайвандакҳо.<br>Навишта тавонистани намунаи ҳуҷҷатҳои расмӣ ва маълумот додан оиди ҳар кадоми он.<br>Услубҳои хаттӣ ва маълумоти муфассал оиди онҳо. | Инчунин ҷавоб дода тавонистан ба саволҳои 9, 10 |
| 9 | 55-59 (D+) 2 | Доштани интизоми намунавӣ ва иштироки фаъол дар дарсҳо.<br>Донишҷӯ бояд дарсшиканӣ надошта бошад.<br>Ҳифзи калимаҳои душворфаҳм, таркиб ва ибораҳои маҷозӣ аз эҷодиёти адибони тоҷик.<br>Доштани малакаи тарҷумонӣ. Тарҷумаи 5 ҷумлаи ихтисосӣ аз як забон ба забони дигар.<br>Имлои садонокҳо ва ҳамсадоҳо. | Инчунин ҷавоб дода тавонистан ба саволҳои10 |
| 10 | 50-54 (D) 1 | Донишҷӯ бояд на зиёда аз 16 соат дарсшиканӣ дошта бошад.<br>Ба баҳои миёна навиштани диктант (50 калима)<br>Навиштани ариза, тавзеҳнома, шарҳи ҳол<br>Дар мавзӯи «Агар дар ҷаҳон набвад омӯзгор…» навиштани иншо. | |

**Эзоҳ:**

1. Талаботи заминавӣ маънои онро дорад, ки донишҷӯ метавонад соҳиби баҳои A, A-, B+, B, B-, C+, C, C-, Д+ ва Д гардад, агар ба саволҳои овардашудаи меъёрҳои заминавӣ ҷавоб дода тавонад.

2. Талаботи заминавӣ маънои онро надорад, ки донишҷӯ аз ҳар як фанни таълимӣ ба тарзи автоматӣ сазовори баҳои ниҳоии имтиҳонӣ мегардад.
3. Аз ҷониби Маркази экспертии деканати факултет ва ректорат дилхоҳ баҳои сатҳи А, А-, В+, В, В-, яъне баҳоҳои “хуб ва “аъло” аз фанҳо алоҳида,

## 2.РЕКЛАМАИ ФАННИ ТАЪЛИМӢ

Тавсифи мухтасари барномаи таълимӣ: Баланд бардоштани савияи забондонӣ. Омӯзиши меъёрҳои забони адабии тоҷик. Роҳҳои ташаккули нутқи хаттию даҳонӣ. Ташаккул ва такомули захираи луғавӣ. Дар асноди идорӣ босаводона истифодаи аломатҳои китобатӣ. Ҳифзи калимаҳои душворфаҳм, таркиб ва ибораҳои маҷозӣ аз эҷодиёти адибони тоҷик. Ҳосил намудани малакаи тарҷумонӣ.

**Тавсифи мухтасари курс: Омӯзиши** курси мазкур ҳатмӣ буда, 1семестр (1– ҳамагӣ 32 соат машғулияти амалӣ ва 8 соат кори мустақилона), 2 соатӣ дар як ҳафта (4 кредит)-ро дар бар мегирад. Курси забони тоҷикӣ бо мақсади баланд бардоштани савияи забондонӣ, такмили донишҷӯ, босаводона истифодаи аломатҳои китобат таълим дода мешавад. Ҳамчунин, дар ҷараёни таълимӣ донишҷӯён тавассути тарҷумаи матнҳои гуногун ба табиати забони тоҷикиву русӣ ошно мешаванд. Бо роҳи таҳлили грамматикаи муқоисавӣ донишҷӯён малакаи тарҷумонии худро такмил медиҳанд.

**Ҳадафи курс:** Ҳадафиасосии омӯзиши забони тоҷикӣ дар гурӯҳҳои русӣ такмил ва баланд бардоштани савияи забондонӣ, бартараф намудани ғалатҳои имло ва талаффуз дар нутқи хаттию шифоҳӣ, бартараф намудани нуқсонҳо дар қироати матн ва тарҷумаву тартиб додани истилоҳоти соҳавӣ, омӯзонидани усулҳои ҳуҷҷатнигорӣ, истеъмоли босаводонаи аломатҳои китобат, мушкилоти истеъмоли аломати вергул, аз бар намудани истилоҳоти идороти давлатӣ, шиносоии донишҷӯён бо матнҳои ихтисосӣ ва техникӣ, қироат ва таҳлили намунаҳои беҳтарини асарҳои насрӣ ва назмии адабиёти тоҷик, тарзи истифода ва таҳияи луғатҳои ихтисосӣ ва тафсирӣ, ҳифзи ашъори адибони машҳур мебошад.

**Вазифаҳо:** а) омӯзиши забони адабии ҳозираи тоҷик. б) омӯзиши хусусиятҳои аломати китобат. в) омӯзиши иншои асноди идорӣ. г) баланд бардоштани маданияти сухан. д) ба вуҷуд овардани малакаи мустақилона тарҷума кардани матн. е) афзудани захираи луғавӣ ва ташаккул ва такомули нутқи хаттию шифоҳӣ. ё) аз ёд намудани байтҳои адибони тоҷик.

| | | |
|---|---|---|
| 1. Тартиб додани луғати истилоҳоти ихтисосӣ. (иборат аз 100 калима)<br>2. Хондани асари бадеӣ аз дохил ва хориҷи кишвар ва шарҳи калимаҳои душворфаҳм (иборат аз 100 то 150 саҳифа)<br>3. Иҷрои машқҳо аз рӯи дастурҳои нашршуда оиди забони тоҷикӣ, барои ихтисосҳои гуногун (иборат аз се дарс)<br>4. Аз бар намудани ғазалхо ва шарҳи калимахои душворфаҳм | 4. Навиштани намунаи ҳуҷҷатҳои расмӣ (иборат аз се дарс), ба таври электронӣ.<br>5. Тарҷумаи матни ихтисосӣ (иборат аз 200 калима. Дар шакли хаттӣ пешниҳод намудани матн ва маънидод намудани мазмуни он), ба таври электронӣ.<br>6. Навиштан ва маънидод кардани воҳидҳои фразеологӣ (20 воҳиди фразеологӣ), ба таври электронӣ. | 7. Муаррифӣ (презентатсия) намудани ихтисоси худ.<br>8. Тахияи кроссворд дар ҳаҷми 30 калима |

## ДАР НИМСОЛАИ ТАҲСИЛ

| Супоришҳои маҷмӯи корҳои хонагӣ барои назорати фосилавии якум | | | |
|---|---|---|---|
| № | Номгӯи супоришҳо | Ҳаҷм | Мухлат |
| 1 | Тартиб додани луғати истилоҳоти ихтисосӣ<br><br>**Намуна:** А<br>Аванс - пешпардохт, пешмузд<br>Агент - намоянда, агент ( муштари; пардохт; интиқол)<br>Аквизитор – ҷалбкунанда, ҷалби манфиат<br>Аккредитация – мансубият, мансуб кардан<br>Актив – дороӣ<br>Акция – саҳм, саҳмия, ҳисса<br>Аукцион – музояда<br>Б<br>Баланс – тавозун, мувозинат<br>Банкрот – муфлисӣ, бонкрот<br>Бланк – варака<br>Бонус – инъом, подош, чоиза<br>Брокер – миёнарав, далол<br><br>В<br>Ведемость – феҳрист, варақа<br>Вексел – уҳдадории қарзии хаттии шаклашро қонун муайян намуда<br>Вклад – пасандоз, саҳм | Иборат аз 100 калима (ба таври хаттӣ тарҷума ва шарҳи истилоҳот) | Аз рӯи тақвими дарсӣ |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | Г<br>Гарант – кафил, танзимкунанда<br>Грант – кӯмак<br>Д<br>Депозит – пасандоз, амонат<br>Дефицит – камёб, камчин, камбуд | | |
| 2 | Хондани асари бадеӣ аз дохил ва хориҷи кишвар ва шарҳи калимаҳои душворфаҳм | (иборат аз 100 то 150 саҳифа) | Аз рӯи тақвими дарсӣ |
| | **Намуна:**<br>…Ва зинҳор, эй писар, ки ранчи дили падару модар нахоҳӣ ва хор надорӣ… Ҳақи падару модар агар аз рӯи дин нанигарӣ, аз рӯи хирад ва мардумӣ бинигар… Чун ту дар ҳаққи эшон муқассир бошӣ, чунон бувад, ки ту сазои некӣ набошӣ ва он кас, ки ҳақшиноси асли некӣ набошад некии фаръро ҳам қадр надонад…<br><br>Зинҳор – ҳаргиз, ҳеч гоҳ.<br>Эшон – онҳо<br>Муқассир – гунаҳгор<br>Фаръ – сохта, дуюмдарача | | |
| 3 | Иҷрои машқҳо аз рӯи дастурҳои нашршуда оиди забони тоҷикӣ, барои ихтисосҳои гуногун | (иборат аз се дарс оид ба омӯзиши имло ва аломатҳои китобатӣ) | Аз рӯи тақвими дарсӣ |
| | **Намуна:**<br>а) Муродифи калимаҳои зумра, тӯл, ғанӣ, эҳё, накш, зиёӣ, парчам ва шадидро номбар кунед.<br>б) Номгӯи исмҳои хосеро, ки аз ду ҷузъ иборатанд аз рӯи алифбо тартиб диҳед.<br>в) Истилоҳоти зеринро истифода бурда ҷумлаҳо созед: музояда, пешпардохт, сармоя, буҳрони иқтисодӣ, арзи миллӣ, муфлисӣ, беқурбшавӣ, гардиш, мубодила, кафолат, доройӣ, хароҷот. | | |
| 4 | Аз бар намудани ғазалҳо ва шарҳи калимаҳои душворфаҳм. | Иборат аз 6 ғазал | Аз рӯи тақвими дарсӣ |
| | **Намуна:**<br>Моро биҳишт суҳбати ёрони ҳамдам аст,<br>Дидори ёри номутаносиб ҷаҳаннам аст!<br>Ҳар дам, ки дар ҳузури азизе бароварӣ,<br>Дарёб, к – аз ҳаёти ҷаҳон ҳосил он дам аст.<br>На ҳар ки чашму гӯшу даҳон дорад одамист,<br>Бас деврo, ки сурати фарзанди одам аст.<br>Он аст одамӣ, ки дар ӯ ҳусни сирате,<br>Ё лутфи суратест дигар ҳашви олам аст. | | |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | Ҳаргиз ҳасад набурдаву ҳасрат нахӯрдаам,<br>Ҷуз бар ду рӯи ёри мувофиқ, ки дар ҳам аст.<br>Онон, ки дар баҳор ба саҳро намераванд,<br>Бӯи хуши рабеъ ба эшон муҳаррам аст.<br>В – он сангдил, ки дида бидузад зи рӯи хуб,<br>Пандаш мадеҳ, ки чаҳл дар ӯ нек маҳкам аст.<br>Ором нест дар ҳама олам ба иттифоқ,<br>В – ар ҳаст дар муҷовирати ёр маҳрам аст.<br>Гар хуни тоза меравад аз реши аҳли дил,<br>Дидори дӯстон, ки бубинад марҳам аст.<br>Дунё хуш асту мол азиз асту тан шариф,<br>Лекин рафиқ бар ҳама чизе муқаддам аст.<br>Мумсик барои мол ҳамасола тангдил,<br>Саъдӣ ба рӯи дӯст ҳамарӯза хуррам аст.<br><br>**Шарҳи луғат:**<br>Ҳашви олам – чизи нодаркор, чизи зиёдатӣ дар олам<br>Рабеъ – моҳи сеюми солшумории арабӣ, баҳор<br>Муҷовират – ҳамсоягӣ, наздикӣ<br>Марҳам – дору, даъво<br>Эшон – онҳо<br>Муқаддам – аввалин, якумдарача<br>Мумсик - хасис | | |
| 5 | Навиштани намунаи ҳуҷҷатҳои расмӣ<br>**Намуна:**<br><br>Ба декани факултаи муштараки тоҷикӣ – украинӣ дотс.Юсуфов М.Ч.<br><br>Тавзеҳнома<br>Ба маълумоти Шумо мерасонам, ки рӯзи 13 феврали соли 2013 аз сабаби бад будани саломатиам дар дарсхо иштирок карда натавонистам.<br><br>Донишҷӯи соли якуми гуруҳи1-26-01-01-02 р.А.<br>Абдуллоев Р.С. (имзо)<br>14.02.2013. | (иборат аз се дарс), ба таври электронӣ | Аз рӯи тақвими дарсӣ |
| 6 | Тарҷумаи матни ихтисосӣ, ба таври электронӣ. | (иборат аз 200 калима. Дар шакли | Аз рӯи тақвими дарсӣ |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | **Намуна:**<br>Производственные ресурсы:<br>Ресурсы являются основными элементами для производства товаров. Существует три типа производственных ресурсов: природные, человеческие и капитальные.<br>Природные ресурсы – это незаменимые дары природы, такие как минералы, лес и свежий воздух.<br>Человеческие ресурсы или рабочая сила – это физические и умственные усилия, прилагаемые людьми для производтсва товаров.<br>Ресурсы – захираҳо<br>Элемент – таркиб, унсур<br>Производства – истеҳсолот<br>Природные – табиӣ<br>Дары – тухфаҳо, ҳадя<br>Рабочая сила - қувваи корӣ<br>**Тарҷума:**<br>Захираҳои истеҳсолӣ<br>Захираҳо унсурҳои асосӣ барои истеҳсоли молҳо мебошанд. Асосан се намуди захираҳои истеҳсолӣ вуҷуд доранд: табиӣ, инсонӣ ва сармоявӣ.<br>Захираҳои табиӣ ин тухфаҳои табиии ивазнашванда буда, ба онҳо минералҳо, бешаҳо ва обу ҳавои тоза дохил мешавад. Захираҳои инсонӣ ва ё қувваи корӣ аз қувваҳои ҷисмонӣ ва фикрие, ки онро одамон барои истеҳсоли молҳо сарф менамоянд, иборат мебошад. | хаттӣ пешниҳод намудани матн ва маънидод намудани мазмуни он) | |
| 7 | Навиштан ва маънидод кардани воҳидҳои фразеологӣ ба таври электронӣ. | (20 воҳиди фразеологӣ) | Аз рӯи тақвими дарсӣ |
| | **Намуна:**<br>Гурги борондида – шахси ботаҷриба<br>Барги сабз – тухфа<br>Димоғ сӯхтан – ранҷидан, хафа шудан<br>Думро хода кардан – гурехтан<br>Чашм пӯшидан – вафот кардан, мурдан<br>Курта - курта гӯшт гирифтан – шод шудан<br>Араки ҷабин рехтан – меҳнат кардан, кор кардан | | |
| 8 | Муаррифӣ (презентатсия) намудани ихтисоси худ. | | Аз рӯи тақвими дарсӣ |
| 9 | Таҳияи кроссворд аз рӯи ихтисос | Дар хаҷми | Аз рӯи |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | **Намуна:** | 30 калима | тақвими дарсӣ |

| | | | | | | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | с | о | д | **И** | р | о | т | | | | |
| б | у | х | р | о | н | и | и | **Қ** | т | и | с | о | д | ӣ | |
| | | | а | м | о | н | а | **Т** | | | | | | | |
| | | | | | м | о | л | **И** | я | | | | | | |
| | | | | | в | е | к | **С** | е | л | | | | | |
| | | | | | | | б | **О** | н | к | | | | | |
| | | | п | а | с | а | н | **Д** | о | з | | | | | |
| | | | | | д | и | в | **И** | д | е | н | д | | | |
| | | | | | м | е | ъ | **Ё** | р | | | | | | |
| | | | | | | | | **Т** | а | в | а | р | р | у | м |

## 5. ВАРИАНТИ КОРҲОИ МУСТАҚИЛОНА

| **Варианти корҳои мустақилона барои НФ-1** | | | |
|---|---|---|---|
| № | Варианти 1 | Варианти 2 | Варианти 3 |
| 1. | Мутолиаи китобҳои:«Экономическая география РТ (текст), (краткий курс лекций) Тошматов М.Н., Муминова Ф.М., Пулатов Д.Х., Душ.Ирфон, 2005. 131с. | Экономическая теория (текст) учеб. для вузов. А.И.Добринина, Л.С.Тарасевича Спб.Питер. 2001г. | Экономическая география РТ (краткий курс лекций)-Душ.Ирфон.ТУТ.2005, 132с. |
| 2. | Териториальное управление экономической: словарь-справочник. В.П.Колесов, В.И.Шупыро.-М:экономический факултет, 2001-642с. | Курс социально-экономической статистики (текст): учебник (под.ред. М.Г.Назарова М. Изд-во Омега-Л, 2006г. | Молияи Тоҷикистон – маҷмӯи оморӣ. Ҳайати таҳр. М.Ш.Шабозов, Б.З.Муҳаммадиева, А.Л.Асоева. Д.2007-170с. |
| 3. | Умарова Б.Х.пособое по развитию навыков делового письма. ТУТ 2005, 56с. | Саидмуродов Л, Международный бизнес,теория, практика, этика (текст), учебник. Душ.Ирфон 2002 | Усманова Т.Дж. Методическое рекоментации к выполнению курсовых работ по дисциплине, «экономическая теория» (макроэкономика) для студентов экономических специальностей Душ.Эр-граф. 2010 |
| 4. | Усманова Т.Дж., Алимова М.М., экономическая теория. Душ. Ирфон, ТУТ, 2005. 224с. | Традиционное ткачество таджиков (история и технология) Иброҳимов М.Ф. Душ.2006. 177с. | Писатель и литературный процесс. Душ.1977. |
| 5. | Хондани асари бадеӣ ва ба кадом услуби нутқ тааллуқ доштани он | Аҳмади Дониш «Наводирулвақоеъ» Душ.1988 | Асар аз кадом забон ба тоҷикӣ тарҷума шудааст, тарҷумони он кист |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | | | (маълумоти пурра додан) |
| 6. | Асари «Дохунда»-и С.Айниро бодиққат хондан | Фарҳанги Рашидӣ ҳамчун сарчашмаи лексикографияи тоҷику форс. Душ.1973. | Ҳар ҳафта 20 саҳифаи асарро хонда, маънидод кардан |
| 7. | Китоби адиби номвари тоҷик Урун Кӯҳзодро мутолиа намудан | Нависанда ва замон. Ғаффоров Р. Душ.Ирфон. 1977 | Рӯзгори соҳибдилон. Латифи О. Душ. Ирфон.1996. |
| 8. | Аз асарҳои профессор Қурбон Восеъ якеро интихоб намуда, бодиққат хондан | Сарчашмаҳои адабиёти ҷавонмардӣ Қ.Воесъ (китоби 1). Душ.2008 | Ваҳдат, давлат, президент. Қ.Восеъ.»Деваштич», 2007. |
| 9. | Доир ба фаъолияти яке аз тарҷумонҳои тоҷик маълумот ҷамъ овардан | Раҳим Ҳошим ҳамчун тарҷумон кадом асарҳоро ба тоҷикӣ баргардон кардааст | Кадом тарҷумонеро медонед, фақат аз англисӣ ба тоҷикӣ тарҷума мекарда бошад (маълумот бо маводҳояш) |
| 10. | Дар китобхонаи худ чанд дона китоби бадеӣ доред, маълумот диҳед | Яке аз онҳоро мутолиа намуда, хулосаи онро гӯед | Китоберо аз китобхонаи донишгоҳ  хонда, доир ба он фикратонро гӯед |
| 11. | Асари нависандаи тоҷик С.Улуғзода «Восеъ»-ро хонед | Асари мазкур аз чанд боб иборат аст ва чӣ ном доранд | Китоб кадом давраро дар бар мегирад |
| 12. | Кадом асарҳои адибони ҷаҳонро хондаед | Чаро маҳз асари хориҷи кишварро интихоб намудед | Агар он асар аз дигар забон ба тоҷикӣ тарҷума шуда бошад, чанд калимаро, ки нофаҳмо аст, нависед |
| 13. | Аз эҷодиёти нависандагони Русия яке аз асарҳоро хонда, хулосаашро гӯед | Кадом асарҳои адиби рус А.С.Пушкинро хондаед, маълумот диҳед | Доир ба эҷодиёти адибони Русия чӣ маълумоте доред, ба тарзи электронӣ маълумот диҳед |
| 14. | Асари адиби ҳаҷвнигори Туркия Азиз Несинро хонда, доир ба он хусоаатонро гӯед | Ҳикояҳои адиби номбурдаро, ки ба тоҷикӣ тарҷума шудааст, мутолиа намоед | Кадом нависандагони туркро медонед, ки асарашон ба тоҷикӣ тарҷума шуда бошад |
| 15. | Аз эҷодиёти нависандагони Амрико асареро хонед | Мазмуни он асарро пурра маънидод кунед | Фақат хулосаи он асарро хонда, маълумот диҳед |
| 16. | Шоҳномаи Фирдавсиро хонед | Ҷиҳати тарбиявии шоҳномаро гӯед | Шоҳномаи Фирдавсӣ ба кадом забонҳо тарҷума шудааст, маълумот диҳед |
| 17. | Шоҳнома аз кадом қисматҳо иборат аст, гӯед | Достони Рустам ва Сӯҳробро хонедва доир ба он маълумот диҳед | Қисмати Ҷанги Рустам бо деви сафедро хонед ва маънидод кунед |
| 18. | Кадом нависандагони Қазоқистонро медонед, маълумот диҳед | Чингиз Айтматов кадом асарҳоро навиштааст ва доир ба он асарҳо маълумот диҳед | Китобҳои тарҷумашудае, ки аз дигар забонҳо ба тоҷикӣ баргардон шудаанд пайдо намоед ва рӯйхати онҳоро тартиб диҳед (аз тариқи Шабака (Интернет) |
| 19. | Китоби; моделҳои худшиносии инсон ё рушди шахсияти солим»-ро мутолиа намоед. | Аз дохили китоби мазкур калимаҳои душворфаҳмро ҷудо карда, ҳуруфчинӣ кунед | 30 калимаҳои ихтисосиро нависедва онро ба тоҷикӣ тарҷума кунед |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | Ё.Ниёзӣ.Душ.Ирфон.2009, 164с. | | |
| 20. | Асарҳои нависандагони ҶИ Эрон хонед, ки ба тоҷикӣ тарҷума шуда бошанд | Оё Фирдавсӣ дар шаҳри Туси Эрон таваллуд шудааст, маълумот ҷамъ оваред (электронӣ) | Доир ба эҷодиёти Ф.Аттор маълумот ҷамъ оваред |
| 21. | Машқи 1: Иҷрои машқҳо аз дастурҳои оид ба забони тоҷикӣ(дарси 1, 2) | Аз ибораҳои зерин ҷумлаҳо созед. М: табиат ва одамон, мубодилаи афкор, тавассути забон ва ғ. | Аз калимаҳои зерин ибораҳо созед, ки ҳарфи (и) чун бандаки изофӣ шуда ояд: тӯтӣ-тӯтии ман, дӯстӣ-дӯстии халқҳо ва ғ. |
| 22. | Машқи 2: Дар калимаҳои зерин садонок ва ҳамсадоҳои даркориро гузошта, шарҳ диҳед | М: д…озӣ, з…ёд, до..ра…, т…ат, т…рам…х, …хт…сос ва ғ. | 10 ҷумла нависед ва қоидаи ба сатри дигар кӯчонидани ҳиссаи калимаро риоя намоед |

| | | | |
|---|---|---|---|
| 23. | Машқи 3. Кадом имлои исмҳо ҷудо ва кадомашон якҷоя навишта мешаванд, бо мисолҳо фаҳмонед | М: Осиёи Миёна, мактаби миёна ва ғ. | Матне нависед, ки дар он пешояндҳои: ба шарти, нисбат ба, пас аз, ба ҷуз ва ғ. ҷойгир бошанд |
| 24. | Машқи 4. Имлои пасоянд чӣ тавр навишта мешавад | М: доир ба пасоянди –ро ҷумлаҳо нависед | Аз адабиётҳои гуногун матнҳоро хонед, ки дар он пасояндҳо бошанд |
| 25. | Машқи 5. Кадом пайвандакҳо якҷоя ва кадоми онҳо ҷудо навишта мешаванд, шарҳ диҳед | М: 20 ҷумла тартиб диҳед, ки дар онҳо пайвандакҳои балки, агарчи, чунки, азбаски мавҷуд бошанд | 10 мисраи шеъриро аз ёд кунед, ки дар он пайвандакҳо ихтисор шуда бошанд. М: в-аз (ва аз) к-аз (ки аз) ва ғ. |
| 26. | Машқи 6. Аломатҳои китобатии охири ҷумла кадомҳоянд, гӯед | 10 ҷумла нависед, ки дар он калимаву ибораҳои туфайлӣ мавҷуд бошанд | Доир ба калимаҳои хулосакунанда (хусусан, инак, ҳамин тавр, чунончӣ) ҷумлаҳо тартиб диҳед |
| 27. | Машқи 7. Дунуқта (аломати баён) дар таркиби кадом ҷузъҳои ҷумла меояд, фаҳмонед | Матни ихтисосиро ҳуруфчинӣ кунед, ки дар он аломати дунуқта ҷой дошта бошад | Аз адабиётҳо матнеро хонед, ки аломатҳои китобат дар он ҷойгир бошанд |
| 28. | Машқи 8. Мавриди истифодаи нохунакро шарҳ диҳед | Доир ба ихтисоси худ матнеро хонед ва мавриди гузошта шудани нохунакро гӯед | Дар ибораҳои зерин нохунакро гузоред: рӯзномаи садои мардум, ҶММ фаровон, шоҳномаи Фирдавсӣ |
| 29. | Машқи 9. Аломати тире дар куҷо истифода мешавад, шарҳ диҳед | Ҷумлаҳоеро тартиб диҳед, ки аломати тире дар он мавҷуд бошад | Яке аз асарҳои Айниро мутолиа намоед ва ҷумлаҳое, ки аломати тире доранд, дар компютер ҳуруфчинӣ кунед |
| 30. | Машқи 10. Нимтире ва мавриди истифодаи онро шарҳу эзоҳ диҳед | Кадом имлои исмҳо бо нимтире навишта мешаванд бо мисолҳо нависед | Тарзи дурусти навиштро барқарор кунед: рӯ рӯи, зерзери, тез, тез, оҳиста, оҳиста ва ғ. |
| 31. | 4 ғазалро аз ёд кунед, ки аз 10 мисраъ кам набошад | Аз эҷодиёти шоирони классик 20 мисраъ ғазалро бе сакта хонед | Кадом ғазалҳои Ҳ.Шерозиро хондаед, маълумот диҳед |

| | | | |
|---|---|---|---|
| 31. | Шоир Л.Шералӣ чанд ғазал навиштааст, дар Интернет пайдо намуда, маълумот диҳед | Ғазалеро интихоб кунед ва 10 мисраи онро маънидод кунед | Ғазали кадом шоирон ба Модар бахшида шудааст, ҳуруфчинӣ кунед |
| 32. | Аз устод Рӯдакӣ кадом шеър ё қасида медонед, аввал нависед баъд онро қироат куед | Шоир дар кадом мавзӯҳо бештар таваҷҷӯҳ зоҳир кардааст, гӯед | Аз ҳаёт ва эҷодиёти шоир маълумот ҷамъ оваред (ба тариқи слайд) |
| 33. | Кадом шоирони муосири тоҷикро медонед, муфассал нависед | Чанд порча шеърро аз ёд медонед, бодиққат хонед | Дар китобхонаи шахсиатон чӣ гуна китобҳо ҳастанд, рӯйхат кунед |

| **Варианти корҳои мустақилона барои НФ-П** | | | |
|---|---|---|---|
| 1. | Навиштани ҳуҷҷатҳои расмӣ (яъне намуна овардан) | Панҷ ҳуҷҷати расмиро дар компютер ҳуруфчинӣ кунед | Ҳуҷҷатҳо ба кадом хелҳо ҷудо мешаванд, шарҳу эзоҳ диҳед |
| 2. | Танзими ҳуҷҷатҳои хизматиро маънидод карда, дар дафтаратон нависед | Худи ҳуҷҷат чист, таърифашро гӯед | Аз рӯи мазмун ҳуҷҷатҳо чанд хел мешаванд, маълумоти пурра диҳед |
| 3. | Ариза ва талаботҳои онро гӯед | Ҳуҷҷатҳо ба кадом хелҳо ҷудо мешаванд, эзоҳ диҳед | Ариза аз рӯи мазмун ва мундариҷа чанд хел мешавад |
| 4. | Аз рӯи мӯҳлати нигоҳдорӣ ҳуҷҷатҳо ба чанд гурӯҳ ҷудо мешаванд | Намунаи аризаи аз як кор ба кори дигар гузаштанро нависед | Навиштани намунаи ваколатнома |
| 5. | Дар гузоришнома кадом масъала мавриди баррасӣ қарор мегирад, бо мисолҳо фаҳмонед | Тавзеҳнома ба унвони кадом мақомот навишта мешавад ва аз кадом ҷузъҳо иборат мебошад | Намунаи тавзеҳномаро оид ба дарсшиканиатон нависед |
| 6. | Навиштани намунаи ариза барои ҷой гирифтан дар хобгоҳи донишгоҳ | Намунаи ваколатномаи хусусиро нависед | Тавсифнома аз тасдиқнома чӣ фарқият дорад, маълумот диҳед |
| 7. | Барои гирифтани маводҳои таълимӣ ба номи мудири хоҷагии корхона дархост нависед | Шарҳи ҳоли худро нависед | Навиштани тавзеҳнома оид ба рафтори дағалона |
| 8. | Шумо корманди шӯъбаи кадрҳои корхонаатон ҳастед, барои корманди худ тасдиқнома нависед | Намунаи фармонро нависед | Амр аз фармон чӣ фарқ дорад, бо мисолҳояш шарҳ диҳед |
| 9. | 10-то ҷумла нависед, ки ба услуби расмӣ-коргузорӣ мансуб бошад | Матнеро аз адабиётҳо пайдо кунед, ки ба услуби бадеӣ навишта шуда бошад | Услуби илмӣ аз дигар услубҳои нутқ чӣ умумият дорад, ташреҳ намоед |
| 10. | Барои ба охир расидани таҷрибаомӯзӣ ба декани факултаатон гузоришнома нависед | Роҳбари идораи давлатӣ ё шӯъбаи барои ҳалли вазифаҳои муҳим аз кадом ҳуҷҷат истифода мебарад, фаҳмонед ва намунаи | Дархост чӣ гуна санадаст ва ба унвони кӣ навишта мешавад, бо намунааш шарҳ диҳед |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | | онро нависед | |
| 11. | Намунаи аризаро нависед, ки ба номи ректори донишгоҳ бошад | Шарҳи ҳоли худро нависед | Фарқияти ҳуҷҷатҳоро номбар кунед |
| 12. | Фармон чӣ гуна санадаст ва аз тарафи кӣ содир мешавад, фаҳмонед | Барои ҷашнгирии ягон чорабанӣ дар корхона, ҳамчун роҳбар фармон содир намоед | Навиштани намунаи ариза барои ба рухсатииакадемӣ баромадан |
| 13. | Аризаро дар ягон мавзӯъ нависед, ки ба номи декани факулта бошад | 5 намуди аризаро тартиб диҳед | Тавзеҳнома чӣ гуна санадаст ва ба унвони кӣ навишта мешавад бо намунааш |
| 14. | Ба маркази компютерӣ барои таъмири асбоби чопкунӣ ба унвони кӣ кадом ҳуҷҷатро навиштан лозим аст | 5 хел намунаи забонхатро нависед | Ваколатномаи расмӣ ва хусусиро шарҳ дода, намуна тартиб диҳед |
| 15. | Шумо тасодуфан компютери китобхонаи донишгоҳро вайрон кардед, доир ба ин масъала кадом ҳуҷҷатро навиштанатон лозим аст | Шумо корманди корхона ҳастед, барои ба рухсатии меҳнатӣ рафтан ариза нависед | Намунаи фармонро нависед |
| 16. | Вазифа ва аҳамияти асосии санад дар соҳаҳои гуногуни фаъолияти одамон | Ба декани факултаатон барои баргузор нашудани дарс аз ягон фан тавзеҳнома тартиб диҳед | Шумо корманди муассиса барои ба сафари хизматӣ рафтан ариза нависед |
| 17. | Аз рӯи кадом аломатҳо таснифи ҳуҷҷатҳоро гузаронидан мумкин аст | Тавсифнома пешниҳод мешавад ба кадом муассиса ва намунаи онро нависед | Шуморо лозим аст, ки аз як факулта ба факултаи дигар гузаред, кадом ҳуҷҷатро менависед |
| 18. | Барои аз худ кардани молу амволи падаратон аз ӯ ваколатнома гиред ва намунаашро нависед | Ҷузъҳои асосии ваколатномаи расмӣ ва хусусиро шарҳ диҳед | Намунаи дархостро нависед |
| 19. | Ба унвони роҳбари корхона номаи расмӣ доир ба ягон мавзӯъ нависед | Номаҳои расмӣ аз лиҳози мазмун ва вазифа чанд хеланд, гӯед | Доир ба ягон мавзӯъ ба ШКД-и ноҳиятон аризаи шикоятӣ нависед |
| 20. | Матни амрро тартиб диҳед | Ҳамчун мудири шӯъбат кадрҳо ба кормандатон тасдиқнома нависед | Навиштани тавзеҳнома оиди рафтори дағалона |
| 21. | 10 ҷумлаи ихтисосиро аз русӣ ба тоҷикӣ тарҷума кунед | Дар соҳаи иқтисод матнеро аз англисӣ ба тоҷикӣ баргардон кунед | Ба услуби коргузорӣ ҷумлаҳо нависедва тарҷума кунед |
| 21. | Намунаи аризаи ба кор дохил шуданро аз тоҷикӣ ба русӣ тарҷума кунед | Ариза – заявление, ваколатнома – доверенность, забонхат - расписка ва ғ. | Барои гирифтани идрорпулии (стипендия) ҳамкурсатон ваколатнома нависедва баргардон кунед |
| 23. | Чор мисраи шеъри Лоиқро аз тоҷикӣ ба русӣ тарҷума намоед | М: ман аз бар мекунам рӯзе суруди обшоронро… | 30-то луғат аз соҳаҳои гуногун тартиб дода, тарҷума кунед. М: мӯҳр-печат, хазина-фонд, фармоиш-заказ ва ғ. |

| | | | |
|---|---|---|---|
| 24. | Ҳикояеро хонед ва онро ба русӣ фаҳмонед | Барои гирифтани мол ё пул ба унвони роҳбар дархост (заявка) нависед | Дар дарс 10 дақиқа дер кардед тавзеҳнома (объяснение) ба номи роҳбар нависедва ба дигар забон тарҷума кунед |
| 25. | Фразеология чист маълумот диҳед | 20 воҳиди фразеологӣ нависед ва маънояшро шарҳ диҳед | Кадом нависанда дар асарҳояш аз фразеология истифода бурдааст |
| 26. | Оё ин ибораҳо фразеология мебошанд: гул барин нозук, то шамол наояд барги дарахт намеҷунбад ва ғ. | Фразеология аз мақол чӣ фарқият дорад бо мисолҳо фаҳмонед | Шеърҳои кадом шоирро медонед, ки калимаҳои фразеологӣ ҷой дошта бошад |
| 27. | 10 ҷумла нависед, ки ҷумлаи аввал ибораи фразеологӣ дошта бошад ва ҷумлаи дуюм ҳамчун ҷумлаи озод ояд | М: а)Гулрӯ китоберо чун барги сабз ба устодаш тӯхфа кард. б)Гулрӯ барги сабзеро ба дохили китобаш гузошт | Матнеро пайдо кунед, ки ибораҳои фразеологӣ дар он ҷой дошта бошанд |
| 28. | 10 ибораҳои фразеологиро, ки дар забони русӣ низ чунин маъно доранд нависед | Матнеро, ки аз 15 ҷумла иборат асту ибораҳои фразеологӣ дорад нависед | Калимаву ибораҳои фразеологиро, ки дар ҷумлаҳо ҳаст, ҷояшонро холӣ гузоред, то ин ки ҳамкурсатон фикр карда нависад |
| 29. | Доир ба ибораҳои фразеологӣ матн тартиб диҳед | М: гули сари сабад, об аз боло лой, давидани гусола то каҳдон, сар равад ҳам сир наравад | Дар компютер 5-то матнеро ҳуруфчинӣ кунедва калимаҳои фразеологиро ҷудо намоед |
| 30. | Калимаи «маҷозӣ»-ро пурра ба таври электронӣ маълумот диҳед | М: кури худ ва бинои дигарро маънидод карда, боз 15-то чунин ибораҳоро пайдо кунед | Оё дар забони тоҷикӣ фразеологизмро васеъ истифода мекунанд, пурра маълумот диҳед |
| **Варианти корҳои мустақилона барои НФ-Ш** | | | |
| 1. | Муаррифӣ (презентатсия) намудани ихтисоси худ. Ба таври электронӣ. | Қоидаи муаррифиномаро ба хотир оваред | Муаррифӣ на кам аз 10 саҳифа бошад |
| 2. | Ба таври таблиғу ташвиқ доир соҳаи худ ҷумлаҳои мураккаб нависед | Матн бояд фаҳмову пурмазмун бошад | Дар матн калимаву ибораҳои сермаъноро истифода баред |
| 3. | Доир ба ҳаёт, фаъолият ва эҷодиёти адибони тоҷик мавод ҷамъоварӣ кунед | М: аз ҳаёту фаъолияти адабиётшиноси тоҷик, академик М.Шукуров | Ду саҳифа доир ба ҳаёт, панҷ саҳифа доир ба фаъолият ва панҷ саҳифа доир ба эҷодиёт навиштан |
| 4. | Дар китобхонаи шахсиатон кадом китобҳоро доред, пурра маълумот диҳед | Кадом олимони соҳаи забону адабиёти тоҷикро медонед, нависед | Дар вақтҳои охир кадом китобро хондаед, нақл кунед |
| 5. | Аз эҷодиёти забоншиноси машҳури тоҷик Ш. Рустамов 10 варақ ба таври электронӣ мавод ҷамъ оваред | Олими номбурда доир ба ин илм чӣ фаъолият ва эҷод кардааст, аз китобхона пайдо намоед | Таҳрири охирини имлои забони тоҷикиро пайдо кунедва ҳуруфчинӣ намоед |
| 6. | Дар соҳаи робитаҳои адабӣ кадом олимонеро | ЧТ бокадом давлатҳо робитаи адабӣ дорад, аз | Китобҳои дарсие, ки аз мактаби миёна то ҳоло |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | медонед, ки кору фаъолият мекунанд, мавод ҷамъ оваред | тариқи Интернет маълумот гиред | хондаед, номгӯи онҳоро нависед |
| 7. | Аз кадом шоир ҳоло чанд мисра шеър ё достон аз ёд медонед, ҳуруфчинӣ кунед | Дар мавзӯи «дӯстӣ» кадом олимон чиҳо навиштаанд, мисолҳо оред | Дар китобхонаи донишгоҳ кадом китобҳоро мутолиа намудаед, пурра нависед |

| | | | |
|---|---|---|---|
| 8. | Китоби кадом устоди худро хондаед, доир ба он маълумот диҳед | Доир ба китобҳои дарсие, ки хондед, маълумоти хаттӣ диҳед | Шумо меҳоҳед, доир ба кадом соҳа китобҳои дарсӣ таълиф шаванд, нависед ва фикри худро баён кунед |
| 9. | Аз китобхонаи донишгоҳ китобҳоеро дастрас кунед, ки ба тоҷикӣ баргардон шуда бошанд | Муаллифи аслии он китоб ва тарҷумонашро нависед | Доир ба тарҷумаи он китоб фикратонро нависед |
| 10. | Услуби асарҳои С.Айнӣ аз дигар асарҳо дар чист, шарҳ диҳед | Асари «Марги судхур»-ро мутолиа намоед | Доир ба кадом асари Айнӣ филм эҷод кардаанд тамошо кунедва фикратонро гӯед |
| 11. | Кадом адабиётшиносони тоҷикро медонед, маълумоти худро диҳед | Забоншинос ва адабиётшинос гуфта киро мефаҳмед, нависед | Дар мавзӯи «забон» 150 калима матн нависед |
| 12. | 20 мисраи шеърӣ доир ба забон аз ёд кунед | Мисраҳои шеъриро киҳо навиштаанд, маълумот диҳед | Он мисраҳо чӣ маъно доранд, фаҳмонед |
| 13. | Адабиёти ҷаҳонро (синфи ёздаҳ), ки навиштааст, фаҳмонед | Адабиёти классикӣ аз адабиёти муосир чӣ фарқият дорад, хаттӣ пешниҳод кунед | Аз ашъори Рӯдакӣ ва ҳаёту фаъолияташ ба тарзи электронӣмавод пешниҳод кунед |
| 14. | Кадом ҳаҷвнависи тоҷикро медонед | Ҳикояҳои ҳаҷвиро аз адабиётҳо пайдо карда хонедва маънои онҳоро шарҳ диҳед | Калимаи ҳаҷв, мазҳака чӣ маъно дорад, дар компютер ҳуруфчинӣ кунедва фаҳмонед |
| 15. | Оё дар ҶТ рӯзнома ё маҷаллае ҳаст, ки пурра ҳаҷвӣ бошад | Ҳоло ба ҷои маҷаллаи «хорпуштак» кадом маҷалла нашр мешавад | Кадом рӯзномаҳоро мутолиа менамоед, шарҳ диҳед |
| 16. | Доир ба ҳаёту фаъолияти ягон олим дар рӯзнома чизе хондаед, гӯед | Дар ҶТ кадом рӯзномаҳо нашр мешаванд ва кадом мавзӯро дар бар мегиранд, мавод ҷамъ оваред | Муаррифӣ (презентатсия)-ро, ки аз 10 саҳифа иборат аст, омода созед (аз ҳаёт, фаъолияти адибон) |
| 17. | Чаро М.Турсунзода қариб ҳамаи достону шеърҳояш мавзӯи дӯстиро дар бар гирифтааст | Порчаи шеъри дар мавзӯи дӯстиро аз ёд кунед | Дар мавзӯи дӯстиву ҳамдигарфаҳмӣ матн нависед |
| 18. | Дар бораи аҳамияти меҳнат нақле нависед ва зарбулмасали «кор кунӣ роҳат мебинӣ»-ро истифода баред | Сарлавҳаи он матнро чӣ мегузоред якчанд вариант пешниҳод кунед | Ин сарлавҳаҳоро ба дигар забон баргардон кунед |
| 19. | Аз эҷодиёту фаъолияти нависанда С.Улуғзода презентатсия омода кунед | Китоби «Восеъ» кадом мавзӯъро дар бар мегирад | Филми «Восеъ»-ро тамошо кардаед, муҳаррир ва коргардони онро гӯед |
| 20. | Дар мавзӯи «умри одам» матне нависед | Инчунин дар мавзӯи «сухан санҷида гӯй то дӯстро душман нагардонӣ…» 20 ҷумла ҳуруфчинӣ карда, онро | 5 мавзӯи дигарро худ интихоб намуда, матн тартиб диҳед |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | | бодиққат хонед | |
| 21. | Доир ба ҳаёт, фаъолият ва эҷодиёти шоирони тоҷик мавод ҷамъ оваред ва маълумот диҳед (ба таври электронӣ | Аз шоирони классик 10 мисраи шеър ва аз муосир 10 мисраӣ шеър аз ёд кунед | Шеърҳоеро пайдо кунед, ки дар мавзӯи «устод» навишта шуда бошад |
| 21. | Кадом асари нависандаро мутолиа кардаед, маълумоти хаттӣ диҳед | Асари «Дохунда»- С.Айниро пурра хонед ва хулосаашро нақл кунед | Китоби таърихиеро хонед ва маълумот диҳед |
| 23. | Аз эҷодиёти Камолиддинов Б. (забоншинос) ба тарзи электронӣ 10 саҳ. омода намоед | Олими номбурда кадом асарҳо ва китобҳои дарсӣ таълиф кардааст, гӯед | Китоби «Услубшиносӣ» ба қалами кӣ таҳия шудааст, маълум намоед |
| 24. | Китоби «Фразеологияи забони адабии ҳозираи тоҷик»-ро хонед | 5 матн нависед, ки дар дохилашон воҳидҳои фразеологӣ бошанд | Китоби «Воҳидҳои фразеологӣ дар назми халқӣ»-ро мутолиа намоед |
| 25. | Аз осори Раҳим Ҷалил асареро хонда, маълумот диҳед | Дар мавзӯи «Об ҷони табиат» ба тариқи хаттӣ 150 калимаро ҳуруфчинӣ кунед | Оиди китоб манбаи дониш суханҳои мутафаккиронро ҷамъоварӣ намоед |
| 26. | Дар бораи «Модар» кадом шоирон шеър эҷод кардаанд в кадом нависандагон суханҳо навиштаанд маълумот ҷамъ оваред | Дар мавзӯи «Модар» 200 калимаро ҷумлабандӣ карда, ҳуруфчинӣ кунед | Ду шеъри Л.Шералиро, ки ба Модар бахшидааст аз ёд кунед |

## 6. АДАБИЁТҲОИ ТАВСИЯШАВАНДА


1. Забони адабии ҳозираи тоҷик.1. Китоби дарсӣ барои факултетҳои филологияи мактабҳои олӣ, Душанбе, 1985.
2. Забони адабии ҳозираи тоҷик. Қ.1. Китоби дарсӣ барои факултетҳои мактабҳои олӣ. Душанбе, 1973.
3. Ғаффоров Р., Ҳошимов С., Камолиддинов Б. Услубшиносӣ. Душанбе «Маориф» 1995с.
4. Каримов У. Забони тоҷикӣ Душанбе- 2003
5. Камолиддинов Б. Забон ва услуби Ҳаким Карим. – Душанбе: Ирфон, 1967.
6. Луғати русӣ-тоҷикӣ. Москва «Русский язык» 1985с.
7. Маҷидов Ҳ. Фразеологияи забони адабии ҳозираи тоҷик.Душанбе, 1982.
8. Мирзоев Ғ. Именные значение на-гӣ в таджикском языке. Дар кит.: Исследование по грамматике языков СССР, - Москва:1975; Ҳамон кас. Субстантивные значения имен суффиксом ӣ-гӣ на тадж.языке. Дар кит.:Вопросы лексикологии, лексикографии и прикладной лингвистики. – Москва: 1976.
9. Одинаев Н., Шарифов М., Олимова П., Ҳамроқулова З. Дастур ва маҷмӯи машқҳо оид ба омӯзиши аломатҳои китобат. (Воситаи таълимӣ аз фанни забони тоҷикӣ). Душанбе «Ирфон» 2004с.
10. Одинаев Н., Олимова П., Турсунова М., Нурова К. Ҳуҷҷатнигорӣ Душанбе «Ирфон» 2007с.

11. Расторгуева В.С. Каримова А.А. Система таджикского глагола. Москва, 1954.
12. Рустамов Ш. Исм. Душанбе, 1981.
13. Усмонов з.Ҷ., Одинаев Н.С, Исмоилов М.А., Умаров М.А., Олимова П.Н., Ҷаъфарова Д.Ф. Забоншиносии иттилоотӣ . Душанбе, Ирфон 2010.
14. Фарҳанги забони тоҷикӣ (аз асри X то ибтидои асри XX), иборат аз ду ҷилд, - Москва, 1969.
15. Халилов А. Ҳиссачаҳо дар забони адабии ҳозираи тоҷик. Душанбе, 1975.
16. Шавкат Ниёзӣ. Исм ва сифат дар забони тоҷикӣ, Сталинобод. 1954.
17. Луғати тафсирӣ. Шарифова Г.А. Абдуллоева М.
18. Шарифова Г.А., Абдуллоева М.А., Ҳикматова Д.Н. Луғати тафсирии истилоҳоти соҳавӣ (терминҳои технологӣ-глоссарий) Душанбе, 2011с.
19. Шарифова Г.А. Забони тоҷикӣ (Барои соҳаҳои техникию муҳандисӣ). Қисми 1 ва 2. Душанбе «Ирфон» 2012с.

# Барои қайдҳо